Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ ”,ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод шудааст

Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакати аграрӣ мебошад. Такрибан 75 % аҳолии он дар деҳот умр ба сар мебаранд, аз 70 то 95 % -и онҳо дар ихтиёрашон чорво доранд ё ба шуғли соҳаи чорводорӣ ҳавасмандии муйян доранд. Дар ин бобад соҳаи гӯсфандпарварӣ барои таъмин намудани даромадҳо ва беҳтар гардонидани сатҳи зиндагии аҳволӣ аҳамияти муҳимро дорад.

Гӯсфандони зоти тоҷикӣ дорои сифатҳои баланди гӯшту равғанӣ буда, пашми нимдағали қолинбоф доранд. Бинобар ин сабаб дар солҳои охир паст гаштани фаъолияти комплекси саноатии кишвар ва дар ин замина алалхусус ба пашми гӯсфандон ба кам шудани саршумори зоти гӯсфандони пашмин гашта исодааст.

Бо назардошти кам будани саршумори гӯсфандони зоти тоҷикӣ, ташаккул додани сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии онҳо аз тарафи кнвонҷӯй Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед бо усули истифодабарии ташаккулдиҳии авлодҳои дохилизотӣ иҷро гардидааст, ки барои илм ва истеҳсолот хело муҳим мебошад.

Бинобар ин сабаб корҳои илмии гузаронидашуда оид ба муайян намудани афзоиши рушд ва инкишофи гӯсфандони зоти гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷикӣ дар давраи онтогенез вобаста ба интихоб ва хостагирии онҳо аз рӯйи авлодҳои мавҷуда дар дохили зот, омӯхтани самаранокии ҷуфткунонии меш ва қӯчқорҳо аз рӯйи мансубияти онҳо ба авлод ва таъсири он ба сифати насл, расиш ва инкишофи ҷавонаҳо, маҳсулнокии гӯштию пашмии онҳо ҳам ба илм ва ҳам ба истеҳсолот хело муҳим мебошад.

Муаллиф дар асоси усулҳои интихобгардидаи таҳқиқот, ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ-хоҷагидориро оид ба омӯзиши самаранокии мукаммалгардонии дохилизотии сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии гӯсфандони зоти гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷикиро муайян намудааст, ки натиҷаҳои он дар нашрияҳо инъикоси худро ёфтааст.

Таҳқиқотҳои ба анҷом расонидаи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед аз тарафи амалию назариявӣ ба талаботҳои Комиссияи олии

атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои диссертасияҳои номзадӣ пешниҳод шудаст ҷавобгу мебошад ва худи муалиф барои додани унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ сазовор мебошад.

Директори Институти тиибӣ ветеринарии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон,
нозади илмҳои ветеринарӣ Атовуллозода Р.

Телефон: +992 907 80 44 63
Почтаи электронӣ: rajabmurod69@mail.ru

12 декабри с. 2024.